195635
шкаф

ОРЗУ ШОДӢ
ЗАРНИГОР ШОДӢ

# МОДАРНОМА

Панҷакент— 2003

О Р З У   Ш О Д Й

З А Р Н И Г О Р   Ш О Д Й

# МОДАРНОМА

Государственная
респуб. с-б. Тад.ССР
им. А. Фирдоуси

Панҷакент — 2003

БА МОДАРИ ШОИРОН
БИБӢ ОДИНАҶОН МАЛИКОВА
ВА МОДАРИ САРПАРАСТ
ҚУРБОНОВА ДИЛБАР
БАХШИДА МЕШАВАД

САРПАРАСТИ ЧОП:
БАҲОДУР НАРЗИДДИНОВ

Ту ганҷе дар кӯҳистон, эй Баҳодур,
Ту сарве дар гулистон, эй Баҳодур.
Ҳакиму раҳбари арзандаи ту,
Ту ҳастӣ фахри ёрон, эй Баҳодур.
Ҳалиму меҳрубону хоксорӣ,
Ҳабиби зердастон, эй Баҳодур.
Кунӣ хизмат ба халқу миллати худ,
Чу дарёи Зарафшон, эй Баҳодур.
Ҳамехоҳам бароят бахту иқбол,
Шавӣ хушбахти даврон, эй Баҳодур.
Умеде аз худо дорам, ки бошӣ,
Ҳамеша марди майдон, эй Баҳодур!

# БА ҶОИ САРСУХАН

Хонандагонои азиз!

Китобе, ки Шумо ҳоло дар даст доред, китоби дуюми шоирон ОРЗУ ва ЗАРНИГОР мебошад.

Модар, дар ашъори ОРЗУ, хазинаи меҳр, дӯсти вафодор ва «ҷоннисору ғамгусору ғамбарор» тасвир ёфтааст. Меҳри модар чунон беканору беҳамтост, ки ҳатто баъди маргаш ҳам модар дар ғами фарзандони хеш аст. Дар шеъри «Меҳри модар» модар аз худо илтиҷо мекунад:

Агар ту шафқате созӣ бароям,
Гузар ту аз гуноҳи бачаҳоям...
Иҷозат гар набошад, эй худоҷон,
Маро ҳам ту ба дӯзах мефиристон,
Ки бо фарзандҳоям гашта ҳамдам,
Ва бо онҳо бисӯзам дар ҷаҳаннам!

Дар ашъори ЗАРНИГОР бошад, модар ҳамчун шахсутуни хонаву рӯзгор, қаҳрамони зиндагии тангу тор, ва аз муҳаббату садоқат саршор тасвир ёфтааст.

Зарнигор, азбаски худ низ модар аст, қадршиноси ӯст:

Аё модар, ба қадрат мерасам ман,
Агарчанде, бубинӣ, наврасам ман.
Ба чашми худ бидидам заҳмати ту,
Агар қадрат надонам, нокасам ман!

Мо умедворем, ки Орзу ва Зарнигор дар оянда боз бо шеърҳои нави дилкашу дилрабои худ табъи хонандагонро шод менамоянд.

Адирмуҳаммад ЗАФАРЗОДА.

## *Орзу Шодӣ*

### ХУДО ВА МОДАР

Кӣ шамъи шоми торам, ба ҷуз худову модар?
Кӣ ёри ғамгусорам, ба ҷуз худову модар?
Нест дигар баҳорам, ба ҷуз худову модар,
Нест дигар шиорам, ба ҷуз худову модар!

Ёри дигар надорам, ба ҷуз худову модар,
Саҷда ба кас наорам, ба ҷуз худову модар!

Сиришта ҷонам ато намуд худои акбар,
Ба каф гирифта ҷонаш маро бизод модар.
Ба меҳр дода ширам чу ҷон гирифта дар бар,
Ба ноз парваридам мисоли дидаи сар.

Ёри дигар надорам, ба ҷуз худову модар,
Саҷда ба кас наорам, ба ҷуз худову модар!

Дилро, худову модар, ман бо шумо биёбам,
Ҳам обрӯю минбар, ман бо шумо биёбам,
Одоби мисли гавҳар, ман бо шумо биёбам,
Амон зи оташи шарр, ман бо шумо биёбам.
Ёри дигар надорам, ба ҷуз худову модар,
Саҷда ба кас наорам, ба ҷуз худову модар!

Пас аз худо, ту модар, ба ман ягона ҳастӣ,
Ту ҷонфидои ҳама давру замона ҳастӣ,
Ту қалби Орзуро шеъру тарона ҳастӣ,
Парвонаам ба гирдат, ту шамъи хона ҳастӣ,
Ёри дигар надорам, ба ҷуз худову модар,
Саҷда ба кас наорам, ба ҷуз худову модар!

## «БИҲИШТ ДАР ЗЕРИ ҚУДУМИ МОДАРОН АСТ»

Ҳазрати Муҳаммад(С)

Умрат зи сахои модарон аст,
Бахтат зи ризои модарон аст.
Зебогию некиҳои дунё,
Аз меҳру вафои модарон аст.
Ҳар лаҳза бирав аз ӯ хабар гир,
Лафзи ту давои модарон аст.
Пайғамбару олиму хирадманд,
Дар мадҳу санои модарон аст.
Побӯсии ӯ бирав, ки ҷаннат,
Зери кафи пои модарон аст.

# МЕҲРИ МОДАР

Бигуфтам: Модаро! Тифлат надонист,
Чаро боре намозатро қазо нест?
Ту дорӣ рӯза дар ин рӯзи гармо,
Лабонат сӯхта аз ташнагиҳо.
Диҳӣ худро ҷафоҳои зиёде,
Магар дорӣ гуноҳҳои зиёде?
Сараш бардошта аз сӯрахонӣ,
Бигуфто модарам бо омеҳрубонӣ:
—Шумо, эй бачаҳои беғами ман,
Ба ҷои пур бидонед ин нами ман.
Ҳаётам бо шумо рангину зебост,
Намозу рӯзаам баҳри шумоҳост.
Ки шояд баъди марги ман худоям,
Намояд лутфу эҳсоне бароям.
Агар ӯ дар биҳиштам дода ҷӯям,
Ва рӯи хеш бикшояд ба рӯям,
Ба пеши пои ӯ бинҳода ман сар,
Бигӯям, ки аё, Оллоҳи акбар!
Тамоми умри худ ман бебаҳона,
Намудам хизмататро содиқона.

Кунун, ки дар биҳиштам ҷой додӣ,
Вале ҳоло набинам рӯи шодӣ.
Чӣ сон ман шод бошам: бачаҳоям,
Ҳамесӯзанд дар нори ҷаҳаннам?
Биҳиштат дӯзах аст дар дидагонам!
Биҳишт дӯзах аст дар дидагонам!
Агар ту шафқате созӣ бароям,
Гузар ту аз гуноҳи бачаҳоям...
Иҷозат гар набошад, эй худоҷон,
Маро ҳам ту ба дӯзах мефиристон,
Ки бо фарзандҳоям гашта ҳамдам,
Ва бо онҳо бисӯзам дар ҷаҳаннам!
Ту, модар, шаҳсутуни ин ҷаҳонӣ,
Зи ту бошад дар олам зиндагонӣ.
Надорад меҳри ту поёну ҳамто,
Хӯрӣ ту баъди маргат ҳам ғами мо!
Шавам ман садқаи қадди дутоят,
Шавам ман садқаи ожангҳоят.
Ташаккур, ба ту, эй модар, ташаккур,
Касе қадрат надонад, мешавад кӯр!

# МОДАРАМ

Раҳнамоям, обрӯю эътиборам, модарам,
Ҷоннисору ғамгусору ғамбарорам, модарам.

Нӯҳ маҳу нӯҳ рӯз моро дар барат парвардай,
Ҳамчу ҷонам парварам ман дар канорам, модарам,

Бо ҳазорон орзуҳо алла мегуфтӣ моро,
Мекунам васфи туро, то ҷон дорам, модарам,

Гар халад хоре ба поям, он халад бар қалби ту,
Дар ғаму шодии ман бошӣ ту ёрам, модарам,

Гар равам аз дар бурун, металабам аз ту фотеҳа,
Ҳомии бахти ману авҷу барорам, модарам,

Гар кунӣ азми сафар, ту Орзуро ҳам бибар,
Як нафас ман тоқати ҳаҷрат надорам, модарам!

## ҲАР КАСЕ МОДАР НАДОРАД

Бар сараш сарвар надорад,
Мӯнисе дар бар надорад,
Гавҳару зевар надорад,
Ҳар касе модар надорад!

Бовафо ёре надорад,
Ери ғамхоре надорад,
Ҳам мададгоре надорад,
Ҳар касе модар надорад!

Сарвати томе надорад,
Давлати томе надорад,
Иззати томе надорад,
Ҳар касе модар надорад!

Кӯҳаш оҳуе надорад,
Киштзааш ҷӯе надорад,
Ҳам дуогӯе надорад,
Ҳар касе модар надорад!

Дар само ахтар надорад,
Дар бараш ёвар надорад,
Хоҳару додар надорад,
Ҳар касе модар надорад!

## ВИДОЪ БО МОДАР

(Дами вопасини 'аскарбачаи захмдоршуда)

Чаро ман ошиқи ноком мемирам,
Надида ёри хушандом мемирам,
Барои ӯ гуле ночида мемирам,
Зи рӯяш аққалан як бор нобӯсида мемирам?
Дигар ман рӯи модарро намебинам,
Дигар ман рӯи додарро намебинам.
Намебинам дигар ман хоҳарони меҳрубонамро,
Намебинам ҳаку ҳамсояҳою дӯстонамро,
Вале ман шод ҳастам: модари пирам,
Намебинад тани аз тири душман гашта ғалберам.
Бубахш, эй модарам, дигар,
Нахоҳӣ дид рӯи ман,
Бубахш, эй модарам, дигар
Насозӣ сила мӯи ман,
Бубахш, эй модарам, ҷону ҷигарбандат,
Азоби ҷони ту гашту намуд фандат!
Бубахшо, ки дигар ман рӯи зебоят намебинам,
Миёнро баста ман аз пои тобутат намегирам,
Ба рӯи қабри ту гулчанбаре ҳам ман намемонам,
Ба ёди рӯҳи покат ояте ҳам ман намехонам.
Бубахшо, ки ту дар тӯи арӯсиям,
Миёнамро намебандӣ,

Шукуфта чун чаман, модар,
Намерақсӣ, намехандӣ!
Бубахш, эй модарам, к-аз тифлакони ман,
Нагардад хонаат обод.
Сари болинашон шабҳо,
Насозӣ қиссаҳо эҷод.
Бубахш, эй модари пурдони ширинам,
Ки ҳоло мебарояд ҷони ширинам.
Зи ту, эй модари зорам,
Фақат як илтиҷо дорам:
Зи номи ман, зи номи хеш, эй модар,
Зи номи сад ҳазорон модари дигар,
Ба дунё ҷор зан, модар:
—Чаро, эй зодагонам, додарашро мекушад додар?
Чаро ин фикри мудҳишро,
Намесозанд дур аз сар?
Аё мардум, шумо бо ҷанги оламсӯз,
Марезед хуни додарро!
Маранҷонед хоҳарро,
Масӯзонед модарро!

## МОДАРАМ РАФТ

Модарам рафт,
Ахтарам рафт.
Талх гардидаст комам,
Аз даҳонам шаккарам рафт.
Мурғаки шохи дарахт,
Аз чӣ биншастӣ карахт?
Дида ту аҳволи ман,
Нола кун бар ҳоли ман.
Модарам рафт,
Гавҳарам рафт.
Модари дилҷӯи ман рафт,
Модари хушрӯи ман рафт.
Аз чӣ истодӣ хамӯш, эй осмони беғубор,
Пӯш рӯят ту ба абри навбаҳор.
Гиряҳо мекун ба ҳолам зор-зор.
Наъра зан, фарёд кун монанди ман,
Модарам рафт,
Сарварам рафт.
Сарватам ҳам давлатам рафт,
Обрӯю иззатам рафт.
Бе ту, модарҷон, фақирам,

Бе ту ман зору ҳақирам.
Нола кун бар ҳоли худ,
бар ҳоли ман, эй хоҳарам,
Рез ашк аз дидагон, эй додарам.
Мо дигар модар надорем,
Мо дигар ёвар надорем.
Ҳамчу модар мо дигар ёре надорем,
Ҳамчу модар ёри ғамхоре надорем.
Меезанад дил, хушк мегардад даҳонам,
Меравад аз тан равонам,
Модари ширини ман рафт,
Ҳамдами деринии ман рафт.
Аз худо хоҳам, аё модар, туро раҳмат кунад,
Ҷои ту ҷаннат кунад.
Модари ҷонам, паноҳат бар худо,
Моҳи тобонам, паноҳат бар худо!

*

## Зарнигори Шодӣ

### АЁ МОДАР

Ту ҳастӣ офаридгорам,
Ту ҳастӣ тоқа ғамхорам,
Тасаллои дили зорам,
Аё модар, аё модар.
Бубин ту баҳри фарзандон,
Гаҳе собун барин қурбон,
Гаҳе сӯзан барин урён,
Аё модар, аё модар.
Шарики шодию ғам ту,
Паноҳи насли одам ту,
Чу нури шамси олам ту,
Аё модар, аё модар.
Ба дарду ғам гаҳе нолам,
Туӣ пурсандаи ҳолам,
Ба ҳастият ҳаме болам,
Аё модар, аё модар!

# МОДАРАМ

Шаҳсутуни хонаю ҳам рӯзгорам модарам,
Қуввати дил, зӯри бозую мадорам модарам.

Дар раҳи нашъу килеб, пасту баланди зиндагӣ,
Бо ҳаёти талху ширин устуворам, модарам.

Баҳри фарзандони худ бинед,
ба ҳар кор қодир аст,
Қаҳрамони зиндагии тангу торам, модарам.

Гоҳ-гоҳе модаронро ғуссаборон мекунем,
Ҷои нозам, ҷои розам, ғамбарорам, модарам.

Хонаи бемодарам бар чашми ман торик бувад.
Равшании хонаам, зеби диёрам модарам.

Рост мегӯянд: «Ҷаннат дар қудуми модарон»,
Ҳар дуои неки ту авҷу барорам, модарам.

Ман зи ту омӯхтаам пуртоқатӣ дар зиндагӣ,
Тарбиятгар дар ҳаёт, омӯзгорам, модарам.

## ПОЯНДА БОШӢ ТО АБАД

Модарам, ту зинда бошӣ то абад,
Машъали рахшанда бошӣ то абад.

Ту набинӣ доғи фарзандони хеш,
Бо лаби пурханда бошӣ то абад.

Меҳрубониҳои гарми модарам,
Бар сарам тобанда бошӣ то абад.

Бар сари фарзанди дилбандат мудом,
Чун ҷаҳон поянда бошӣ то абад.



ЕЭ98ЭЭ

## МОДАРИ ТАНҲО

Дилам сӯзад дар ин дунё,
Барои модари танҳо.
Бигӯянд ҳарчӣ бедардҳо,
Туро гӯям: ҳалолат бод!

Зи пурсишҳои тифлонат,
Равад ҳар лаҳза дармонат,
Бирезад оби чашмонат,
Туро гӯям: ҳалолат бод!

Ту гапҳои ниҳон дорӣ,
Ба дил доғи калон дорӣ,
Умед аз кӯдакон дорӣ,
Туро гӯям: ҳалолат бод!

Ҷавон ҳастию ҳам дилбар,
Набошад дар барат шавҳар,
Ҳаётро гаштай сарвар,
Туро гӯям: ҳалолат бод!

## ШУКРИ ИН ДАВРОН КУНЕД

Баҳри чӣ занҳо, шумо ношукрӣ аз даврон кунед,
Худкушиҳо кардаву даврон пур аз исён кунед.

Модаронро з-оташи ин худкушиҳо сӯхтед,
Ашки чашми модаронро то ба кай борон кунед.

Аз шумо ин ҳол умед асло надорад модаре,
Захми қалби модаред, раҳме ба фарзандон кунед.

Зиндагиро бингаред гаҳ талху гаҳ ширин бувад,
игзарад ин дарди талх, уммеди хуш дармон кунед.

Худкушӣ нокарда ҳам, пешу қафо мо меравем,
Номи некӯ монда доим хизмати шоён кунед.

Сарбаландона бубардоред бори зиндагӣ,
Мешавед хушбахт, агар гаҳворае ҷунбон кунед!

## ЭЙ ПИСАРҶОНАМ БИЕ

Эй писарҷонам биё, уммеду армонам биё,
Ту чароғи хонай, шамъи шабистонам биё.

Хизмати модар-ватан қарзи ту бошад, эй писар,
Бар диёру модарат ҳастӣ нигаҳбонам, биё.

Бе ту тор аст хонаам бар чашми ман, бовар намо,
Эй ҷигарбандам биё, эй нури чашмонам биё.

Бо умед менигарам бар роҳи ту бо чашми чор,
Ноумедам ту макун, сиҳат ба остонам биё.

Аз бароят дардманд аст, модари оҷизаат,
Эй давои дарди ман, дорую армонам биё.

Гар бифаҳмам номи ҷангу хотирам гардад париш,
Эй дилу ҷонам биё, ҳуши парешонам биё.

Ларзаи дил, оби чашми модарон аст номи ҷанг,
То туро дидан замон ман аширезонам биё.

# ҲУРМАТИ ЁРОН КУНЕД
## (Насиҳат ба навхонагон)

Мард агар аз дар дарояд чеҳраро хандон кунед,
Бо назокат будаву ӯро зи худ шодон кунед.

Хоҳарону духтаронам, бишнавед панди маро,
Эҳтироми ҳамдигар з-ин хислати хубон кунед.

Халқ мегӯяд шуморо «зан вазири оила»,
Баҳри дарди шавҳарон худро шумо дармон кунед.

Ҳар куҷо номард гар ёру худаш паст мезанад,
Пас шумо, ки оқилед, фикри фарзандон кунед.

Сарбаландона қадам монед андар зиндагӣ,
Ҳурмати худро бидошта ҳурмати ёрон кунед.

## ЁРИ ҶОНАМ БЕДАРАК

Зиндагиям сахту вазнин, ёри ҷонам бедарак,
Бе ту ман хорам кунун, рози ниҳонам бедарак.

Рафта будӣ Русия, то мардикорӣ мекунӣ,
Бо умеди пулбиёрӣ бенишонам бедарак.

Тифлаконат гоҳ-гоҳ манро саволборон кунанд,
Оҳ, бигӯям додоҷони тифлаконам бедарак.

Зиндагии торикам равшан бувад бо ёди ту,
Меҳри ту ҳаст бар дилам, зеби маконам бедарак.

Ё гирифтори зане ҳастӣ, бигӯ, эй бевафо,
Ё шикастӣ аҳди худ, номеҳрубонам бедарак.

Бо умеди бачаҳо ман зиндагонӣ мекунам,
Гар ҳисоби зиндагӣ дар ин замонам бедарак.

## ДУБАЙТИҲО

Аё модар, парасторам ту ҳастӣ,
Мададгоре ба ҳар корам ту ҳастӣ.
Ҳамебинам, ки дар айёми сахтӣ,
Ба ман мӯнису ғамхорам ту ҳастӣ.

△ ○ △

Маро бахтофаринӣ, модари ҷон,
Ки ҳеҷ дарде набинӣ, модари ҷон.
Ту бошӣ боиси ин зиндагонӣ,
Ту хуршеду заминӣ, модари ҷон.

△ ○ △

Аё модар, ба қадрат мерасам ман,
Агарчанде, бубинӣ, наврасам ман.
Ба чашми худ бидидам заҳмати ту,
Агар қадрат надонам, нокасам ман.

△ ○ △

Аё модар, ба зодрӯзат муборак,
Баҳору иди Наврӯзат муборак.
Ту ҳафтодсола гаштӣ, модари ҷон,
Туро ин рӯзи фирӯзат муборак.

△ ○ △

Дили модар ҳамеша ҳамраҳи туст,
Туро бахшад, агарчӣ гунаҳи туст.
Ба ҳар ҷое равӣ, фарзанди ширин,
Ду чашмонаш ҳамеша дар раҳи туст.

Муҳаррир Адирмуҳаммад ЗАФАРЗОДА.
Мусаҳҳеҳ Нарими БУРҲОНПУР.

Ба матбаа 25.02.2003 супорида шуд. Ба чопаш 28.03.2003 имзо шуд. Супориши № 40. Адади нашр 500 нусха. Нархаш шартномавӣ.

195635
Китобхонаи миллии Тоҷикистон